**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.02.2024, №61

Барои сазовор донистани Алимов Фирдавс Худойдодович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 7-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси №56 барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Алимов Фирдавс Худойдодович 25-уми августи соли 1994 дар ноҳияи Фархор таваллуд шудааст. Соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси мутахассис оид ба робитаҳои байнифарҳангӣ, тарҷумон-референт (арабӣ-англисӣ) хатм намудааст. Соли 2018 шуъбаи магистратура ва соли 2021 шуъбаи докторантура (PhD)-и назди кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Айни ҳол дар муассисаи давлатии таълимии Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ; **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсент Кесамирова Саодат Рустамовна, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии донишгоҳи мазкур Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холова Муҳаббат Исломиддиновна ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур комилан алоқаманд мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Алимов, Ф.Х. Аз таърихи пешрафти назарияи тарҷума дар забоншиносии Аврупо ва Амрико [Матн] / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 9-14.
[2-М]. Алимов, Ф.Х. Мафҳуми истилоҳи *translation – тарҷума* ҳамчун яке аз муҳимтарин унсурҳои майдони истилоҳӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 53-58.
[3-М]. Алимов, Ф.Х. Истилоҳи *equivalence – муодилнокӣ* ва шарҳу тафсири он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 52-58.
[4-М]. Алимов, Ф.Х. Аффиксатсия – яке аз усулҳои асосии калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забониҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 2. – С. 33-38.
[5-М]. Мамадназаров А., Алимов, Ф.Х. Нақши иқтибосоти *фаронсавӣ* ва *юониву лотинӣ* дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов, А.Мамадназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 5-10.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М] Алимов, Ф.Х. Падидаи *синонимия* дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ» (11-уми марти соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 336-338.
[7-М] Алимов, Ф.Х. Падидаи полисемия дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.Х. Алимов // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии забоншиносии типологӣ-муқоисавӣ, забоншиносии тоҷик ва усулҳои нави омӯзиши забонҳои хориҷӣ» (14-уми апрели 2023). – Душанбе, 2023. – С. 67-72.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забони англисии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Раҷабов Неъматулло Файзалиевич мусбат буда, эродҳои зерин манзур шудаанд:

- дар фишурдаи диссертатсия оид ба муҳимтарин истилоҳоти тарҷумашиносӣ сухан рафтааст, ки чанде аз онҳо нисбатан камтар таҳлил ёфтаанд. Хуб мебуд, агар онҳо дар шакли муфассалтар шарҳу баён меёфтанд (саҳ. 9-10);
- дар фасли панҷуми боби якуми фишурда муодили баъзе аз истилоҳот оварда нашудаанд. Агар дар қавсайн муодили бокимонда истилоҳҳо нишон дода мешуд, мувофиқи мақсад мебуд.
- дар матни фишурда хатоҳои техникӣ ва имлоӣ гоҳ-гоҳ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В Ломоносов Собирова Санавбар Ғаниевна мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:
- хуб мешуд, агар муаллиф тавсифи силсилаи синонимҳоро таҳлил намуда, раванди густариши маъноии истилоҳотро дар фишурда нишон медод;
- тавсифи муфассали хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии антонимҳо ба фоидаи кор мебуд;
- дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ҷой доранд, ки ислоҳпазиранд.

3. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна мусбат буда, дар он чунин эрод зикр ёфтааст:
- дар фишурдаи рисола баъзе нуқсонҳои техникӣ ба чашм мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодовичро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– заминаҳои назарии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **баррасӣ гардидаанд;**

– аз лиҳози муқоисавӣ вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **таҳлил шудаанд;**

– роҳҳои асосии вожасозӣ ва истилоҳофаринӣ дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **таҳлилу таҳқиқ гардиданд;**

– истилоҳоти тарҷумашиносӣ аз нигоҳи сарфӣ: баромад, сохтор, шакл, истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ гурӯҳбандӣ шуда, **баррасӣ гардидаанд;**

– падидаҳои полисемия, синонимия ва антонимия дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **муқаррар карда шудаанд;**

– истилоҳоти тарҷумашиносии баромадашон асл ва нақши истилоҳоти иқтибосӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда **ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур омӯзиши назарияҳо ва усулҳои таҳлил намудани воҳидҳои лексикӣ, аз ҷумла истилоҳоти самти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таҳқиқ кашида шудаанд. Маводи назариявии таҳқиқ дар омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи муқоисавии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, таҳқиқи вижагиҳои типологии забонҳои таҳқиқшаванда, инчунин, дар пешрафти самтҳои алоҳидаи таҳқиқ оид ба хусусиятҳои истилоҳоти тарҷума дар доираи ҳар як забон мусоидат хоҳад кард.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, то хусусиятҳои типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври муфассал таҳқиқу баррасӣ гарданд. Диссертатсия ҳангоми омода ва хондани лексияҳо оид ба лексикология, типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муқаддимаи забоншиносӣ, забоншиносии умумӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, магистрӣ ва дипломӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи луғатҳои дузабона, бисёрзабона ва тафсирии истилоҳоти тарҷумашиносӣ муфид хоҳад буд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ усулҳои илмии таҳқиқ, консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватаниву хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби усули таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мазмуни асосии** диссертатсия дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ, ба мисли А. А. Реформатский, В.М. Лейчик, Л.Л. Нелюбин, О. Каде (O. Kade), Р. Якобсон (R. Jakobson), Ҷ. Мандей (J. Munday), Ю. Найда (E. Nida), О.С. Ахманов, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, М. Шукуров, Г.В. Демидова, Д. Саймиддинов, Б. Камолиддинов, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М.Ҳ. Султон, А. Сатторзода, С. Ҷоматов, А. Мамадназаров,

Ҳ.А. Саидзода (Ҳ.А. Саидов), П. Ҷамшедов, М.Б. Нағзибекова, М.М. Мирзоева ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омода намудани шаклу услуби таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ, хулоса ва натиҷаҳои асосии таҳқиқ, таҳлилу таснифи маводи ҷамъовардашуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва назари фардии муҳаққиқ роҷеъ ба мавзуи интихобшуда инъикос ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия муддати 4 сол бо такя ба маводи фаровони сарчашмаҳои боэътимоди забоншиносӣ ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро таҳқиқ намудааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсия инъикос ёфтаанд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи худ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърузаҳо ироа намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22-юми феврали соли 2024 дар бораи сазовор донистани Алимов Фирдавс Худойдодович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар (фармоиши КОА аз 29.05.2023, № 122/шд), аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

22.02.2024.